БАЪЗЕ РОҲҲОИ ИНКИШОФИ НУТҚИ АЛОҚАНОКИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАЪЛИМИ ФЕЪЛ

Шавкат Шаропов
Доктори фанҳои педагоги, проффесор
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Алиҷон Каримҷонов
номзоди фанҳои педагоги, доценти
кафедраи “Таълими ибтидои” ДДШЧВТ

Дилноза Каримҷонова
Муаллимаи кафедраи “Муассисаҳои томактабӣ” ДДШЧВТ

ЭЗОҲ

Омӯзиши ҳартарафаи забони модарӣ ба инкишофи тафаккури насли наврас саҳми босазое мегузорад. Мувофиқи талаботи программаи таълимии забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидой приципи асосии таълими “забони модарӣ ва инкишофи нутқ” аст ва он пеш аз ҳама нутқи алоқанокро дар назар дорад.

Калимаҳои калидӣ: Грамматика, марҳила, феъл, нутқи бачагон, хонандагон, тасрифшаванда, имло, нақл, ҳикоя, замонҳои феъл, феълҳои мувофиқ, мантиқ, масдарҳо, образнок, бидунок.

SOME WAYS TO DEVELOP SPEAKING OF STUDENTS IN VERBAL TEACHING

Shavkat Sharopov
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor.
Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov

Alijon Karimjonov
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department "Primary education"

Dilnoza Karimjonova
The teacher of the Department "Preschool institutions"

ABSTRACT

Comprehensive study of the native language makes a significant contribution to the development of thinking in the younger generation. In accordance with the requirements of the Tajik language curriculum in the primary grades, the main principle of teaching "mother tongue and speech development" is, first of all, it is related speech.

Key words: Grammar, stage, verb, children's speech, readers, adverb, spelling, narration, story, verb tenses, proper verbs, logic, infinitives, figurative, figurative.

МУҚАДДИМА

Барои инкишофи нутқи даҳонӣ ва хатии бачагон қисми морфологияи забони модарӣ замина ва имкониятҳои калонеро фароҳам меоварад. Маълум аст, ки танҳо калимаҳо ба сари худ забонро ташкил карда наметавонанд. Танҳо дар суръати ба ҳукми грамматика даромадани калимаҳо фикр баён кардан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки қонуну қоидаҳои грамматикиро донистан имконият медиҳад, ки калимаҳо бамавқеъ ва мақсаднок истифода карда шавад.

Дар нутқ (чӣ даҳонӣ ва чӣ хаттӣ) ба таври амалӣ истифода карда тавонистани донишҳои оид ба шакл ва категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ марҳилаи муҳими омӯзиши қоидаҳои грамматикист. Танҳо дар суръате, ки хонанда қоидаҳои аз худ кардани грамматикаро амалан дуруст ва бамавқеъ истифода мекунад, боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки дониши гирифтаи ӯ ҳақиқист.

Барои инкишофи нутқи бачагон ҳар як ҳиссаи нутқ мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад. Дар байни ҳамаи ҳиссаҳои нутқ феъл махсус аст, зеро вай дорои хусусиятҳои зиёде буда, системаи мураккаби ҳиссаҳои нутқ ҳисоб меёбад. Ҳарчанд феъл дар ҷумла дар заминаи вазифаи синтаксисӣ ба исми мубтадо тобеъ аст, моҳияти ҷумла ба вай тобеъ. Хусусияти барчастаи ҷумла ахборотдиҳист. Ба феъл ҷумла ин функцияи худро адо карда наметавонад. Албатта, мо ин ҷо ҷумлаҳоро дар назар дорем, ки дар онҳо феъл вуҷуд доранд. Омӯзиши феъл нутқи бачагонро хеле инкишоф медиҳад. Феъл амалро ҳамчун процесси фаъол ифода мекунад. Вай кор, ҳаракат, амалиётро ифода карда, ба гуфтор қувват, хусусияти конкретӣ ва мавзунӣ мебахшад. А. М. Пешковский навиштааст, ки “феълҳо чунон як калимаҳои ҷонноке” мебошанд, ки ҳама чизҳои ба онҳо вобастаро ҷон мебахшанд. Яке аз хусусиятҳои муҳимии феъл он аст, ки вай роли конструктивӣ дорад, яъне идоракунии ҷумла дар дасти феъл аст. Чунин хусусиятҳои муҳими феъл дар нутқ аст, ки омӯзиши амалии он аз синфи 1 сар мешавад. Ҳанӯз дар давраи таълими савод нутқи бачагон аз ҳисоби материалҳои феълӣ (дар қатори дигар калимаҳо) инкишоф дода мешавад.

АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Дар ин мақола мо чанд сухан дар бобати имкониятҳои инкишофи нутқ дар процесси таълими феъл дар синфи 3 ва 4 дар асоси баъзе намудҳои машқҳо сухан ронданием, зеро дар ин синфҳо хонандагон ба замми донишҳои дар синфҳои 1 ва 2 гирифтаашон боз ба хусусиятҳои нави феъл: шакдҳои замонӣ ва шахсу шумора дар феъл, шакли тасрифшавандаи феъл масдар шинос мешаванд. Ин хусусиятҳои яеъл барои машқҳои инкишофи нутқ материали фаровон медиҳад.

Дар китоби забони модарии барои синфи Ш оид ба феъл ғайр аз машқҳои грамматикӣ имлоӣ аз рӯи нақша ба мавзӯи додашуда навиштани нақл (ҳикояча) яъне ба матн сарлавҳа гузоштан, мазмуни матнро нақл кардан, тартиб додани саволҳо аз рӯи мазмуни матн барин машқҳои маъмули инкишофи нутқ дода шудааст. Ба туфайли ривоҷёбии методиуаи таълими забони модарӣ, таҷрибаи бои муаллимони пешқадам навъҳои дигари машқҳои инкишофи нутқ ба амал омаданд, ки чанде аз онҳоро мутобиқан ба таълими феъл нишон медиҳем. Он машқҳое, ки ин ҷо нишон медиҳем, характери контролӣ надошта, аз онҳо муаллим дар ҳар як дарс дар алоқамандӣ бо мавзӯи нав ва корҳои мустақилонаи хонандагон доир ба мавзӯи омӯхташуда истифода мекунад.

Дар ду дарси таълими мавзӯи феъл, ки ба рӯзҳои охири ҷорьяки П рост меояд ва он дарсҳо характери ёдоварӣ ва мустаҳакамкунии донишҳои пешгирифтаи талабагонро дорад, аз тарафи дигар, дар ин дарсҳо машқи зиёд ба назар намерасад, ба замми иҷрои машқҳои 226 ва 228 и китоби дарсӣ ва корҳои дар дастури методӣ тавсияшуда аз чунин намудҳои машқҳои инкишофи нутқ истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Масалан: Порчаро аввал дар шакли нопурраш хонед. Чӣ фаҳмидед? Сонӣ онро бо ҳамроҳии калимаҳои дар қавс додашуда пурра карда хонед. Чиро фаҳмидед?.Чаро?

Аз рӯи одат	Дасу рӯямро
Бо занги соат	тоза .....
.....аз хоб	Ба хурду калон
Монанди соат.	Салом.....

(Калимаҳо барои истифода: мехезам, мешӯям, мегӯям).

Ин гуна машқро бо ҳамин мақсад истифода менамоянд, ки дарси якуми таълими феъл дар синфи Ш буда, мақсади он барои фаҳмондану мустаҳкам намудани дониши хонандагон оид ба саволҳо аҳамияти феъл дар нутқ замина тайёр кардан аст.

Дар дарси навбатӣ машқҳои амалӣ гузаронида мешавад, баробари иҷрои ин машқҳои китоби дарсӣ аз рӯи маъно фарқкунии феълҳо, алоқаи он бо исму ҷонишин барин машқҳои инкишофи нутқро истифода намудан мақсаднок аст. Масалан:

Порчаро хонед феълҳоро ҷудо кунед. Гӯед, ки он феълҳо амал ё ҳаракатро мефаҳмонанд? Он феълҳо ба кадом калимаҳо тобеанд?

“Ил” 18 омад,	Мебинам, ки дар ин ҷо,
Поён фаромад.	Як хурусаки зебо
Аз дараш аввал	Чунон аҷиб мехонад,
Акам баромад.	Ҳама чизро медонад.
(А.Шукуҳӣ)	(С.Миршак)

Баъди хондани ҳар як порча бо роҳи саволу чавоб феълҳо ва маъноҳои онҳо муайян карда мешавад. Дар порчаи якум феълҳои омад, фаромад, баромад, мехонад ва медонад амал ва ҳолати предметро мефаҳмонад.

Ниҳоят дар ин дарс хонандагон бо роҳбарии муаллим матни табрикӣ ва даъватнома ба падару модарашон навишта, феълҳои онро муайян мекунанд.

Намуна:

Падари азиз ва модари меҳрубон!

Ман шуморо бо Соли нав аз таҳти дил табрик менамоям. Дар соли нав бароятон саломатӣ ва муваффақиятҳои бузург орзӯ мекунам.

Фарзандатон Фирдавс.

НАТИҶАҲО

Минбаъд ҳангоми омӯхтани замонҳои феъл, шахсу шумора ва шаклҳои феълӣ домани машқҳои инкишофи нутқ васеъ мегардад. Дар он аз машқҳои ба исмҳои додашуда феълҳои мувофиқ илова кардан, аз калимаву ҷумлаҳои парешон сохтани ҷумла ва машқҳои алоқаманд, аз ҳиссаҳои дигари нутқ сохтани феъл ва баракс, муайян кардани он, ки амал ба чӣ монанд карда шудааст, иваз кардани шахси нақлкунанда, бо феълҳои даркорӣ пурра кардан ва тағъир додани зарбулмасалу мақол, панду ҳикматҳо барин корҳоро гузарондан хеле фоиданоканд. Масалан:

Дар вақти таълими замонҳои феъл аз чунин намудҳои кор истифода кардан мумкин аст.

Ба исму сифатҳои додашуда феълҳои мувофикро дар замони гузашта илова кунед ва гӯед, ки порча аз шеъри кадом шоир буда, номи он шеър чист?

Мавсими сармо.....

Фасли баҳорон.....

Боди мулоим .....

Сабзаи нармак .....

Калимаҳо барои илова: (расидан, гузаштан, дамидан, вазидан).

Ин хел машқҳоро дар вақти омӯхтани ҳар се замони феъл гузаронидан мумкин аст. Яке аз вазифаҳои муҳим ҳангоми иҷрои ин қабил машқҳо муайян кардани алоқаи исми мубтадо ва феъл мебошад. Ин барои ин зарур аст, ки хонандагон ба муайян кардани алоқаи мантиқии калимаҳо дар ҷумла одат кунанд ва ин яке аз машқҳои муҳими услубӣ ва инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон мебошад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки натанҳо дар синфҳои ибтидой, балки дар синфҳои болой ҳам ҳангоми таҳлили грамматикӣ ба муайян кардани алоқаи калимаҳо дар ҷумла эътибои чиддӣ дода намешавад. Ва ҳол он ки ин кори зарурист. Аз ин ҷост, ки ба ин кор мо бояд хонандагонро аз синфҳои ибтидой омӯзем ва одат кунонем.

Маълум, ки шахсу шумора ва аз ин рӯ тасриф дар феъл ба бандакҳои феълӣ вобастаанд. Аз тарафи дигар, бандакҳои феълӣ феълҳои замони гузашта ва ҳозираю

оянда аз ҳам фарқ дорад. Барои шуурона омӯхта шудани ин хусусиятҳои морфологии феъл машқҳои зиёди мантиқӣ ва мантиқӣ услубӣ талаб карда мешавад. Бинобарон он ҳангоми таълими ин мавзӯъҳо аз чунин намудҳои машқҳои инкишофи нутқ истифода кардан мақсаднок аст:

Порчаро ифоданок хонед. Амал ва иҷрои онро муайян кунед. Гӯед, ки чаро феълҳои ин порча дар чунин шакл истифода шудааст?

Аз мактаб омад Раҳмон,
Рӯзномаро кард пинҳон.
Рӯзномаат ку? Модар
Пурсид аз ӯ сонитар.
“Бисьёр бад” ро модар дид,
Як оҳи вазнин кашид.
Падар чун бохабар шуд,
Аз пӯсти худ бадар шуд.... **(С.Маршак.)**

МУҲОКИМА

Баъди таҳлили феълҳои ин порча муаллим диққати бачагонро ба мутолиаи “Қиссаи як талаба “Суруди беша” ро” барои хониши беруназсинфӣ равона мекунад ва чунин саволҳоро ба сифати нақша пешкаш мекунад.

1.Чаро падару модари Раҳмон хафа шуданд?

2.Барои чӣ Раҳмон рӯзномаашро пинҳон кард?

3.Аз чӣ сабаб Раҳмон 5 то як гирифт?

4.Сабабҳои ҳар яки баҳои як гирифтаи Раҳмонро баён кунед.

Порчаро хонед. Феълҳоро бо исмҳои алоқамандаш ҷудо кунед.

Падарам одатан баъд азпешин дам мегирад. Ман машғули сураткашӣ будам. Дар ин вақт модарам, ки барои ба хоҳарчаам тӯҳфа харидан рафта буд, баргашта омад ва чун назараш ба дафтарам афтод бо ҳайрат пурсид:

- Расми мақбара?
- Бале, - гуфтам ман.
- Дар назди дари мақбара кист?
- Посбон.
- Чаро вай токии тоҷикӣ дорад?
- Аз рӯи одат....

Феълҳои шахси якуми танҳо матни болоиро бо шахси якуми ҷаъм иваз карда, матнро тағьир диҳед ва ба он сарлавҳача гузоред.

Ҳангоми таълими замон ва шахсу шумора аз чунин машқҳо , монанди, аз калимаҳо ва ҷумлаҳои бетартиб сохтани ҷумла ва матнҳои алоқаманд истифода намудан мумкин аст.

1. Аз калимаҳои додашуда ҷумла созед. Феълашро муайян кунед ва гӯед, ки вай дар кадом замон меистад?

(Ҳеҷ, саркарда, саросема, корро, ва, намекард, иҷро, рӯякй.)

2. Аз ҷумлаҳои пароканда матни алоқаманд созед. Шахсу шумораи феълҳояшро муайян кунед.

Алишер Навой

буд, Алишер, ҳушьёр, бачаи.

Тез, зеҳни, дошт, ӯ.

медошт, дӯст, бадеиро, адабиёти, ӯ, бисьёр.

Ғиёсиддин, ӯ падари, зиёд, барои, шудани, писари, дониш, худ, ғамхорй мекард, ҳамеша.

Дар вақти иҷрои ин қабил машқҳо ба бачагон лозим меоял, ки якчанд амалиёти фикриро иҷро намоянд: маъно ва мавқеи калима, ҷои калима дар ҷумла, воситаҳои алоқаҳои калимаҳо дар ҷумла ва ниҳоят супориши грамматикиро ба ҳисоб гирифта, корро иҷро кунанд. Дар акси ҳол ҷумлаи тартибдодаи хонанда аз чиҳати грамматикӣ солим намебарояд. Вақти тартиб додани ҷумла аз калимаҳои парешон ва матни алоқаманд аз ҷумлаҳои ғайриалоқаманд ба бачагон лозим меояд, ки аввал асоси ҷумла, мубтадову хабар, сонй ба туфайли сараъзоҳо бо роҳи саволгузории мантиқӣ аъзоҳои пайравро аниқ карда, ҷумларо созанд.

Аз исмҳои зерин феълҳоро созед ва ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ИСМҲО	ФЕЪЛҲО	ҶУМЛАҲО
1.Даъват	Даъват кардан	Ӯ маро ба хондан даъват кард.
2. Кор	Кор кардан	Онҳо барои кор кардон омаданд.
3. Зиндагй	Зиндагй кардан	Паррандагон барои зиндагй кардан омаданд.
4. Ваъда	Ваъда додан	Ваъда доданд,ки пагоҳ меоем.

Ба ҷои нуқтаҳо масдарҳои даркориро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед. Гӯед, ки чй ҳосил шуд?

1. .....кай бувад монанди ..... (шунидан, дидан).

2. Нони чавин .....ва бар замин ..... беҳ аз камари заррин ....ва дар хизмати махлуқ .....(хӯрдан, нишастан, истодан.)

3. Хат ..... фазилати ҳунар аст, ...и он зиёда муътабар аст.

(навиштан, хондан.)

Мақоли якумро истифода намуда, дар мавзӯи “ Боғи ҳайвонот ” иншо нависед.

Одами айёр мисли рӯбоҳи ҳилагар аст. Хонандагон лоир ба рӯбоҳе, ки дар боғи ҳайвонот зиндагй мекунад иншои хурдакак менависанд.

ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, ҳангоми таълими феъл домани машқҳои инкишофи нутқ хеле васеъ аст. Бидуни он машқҳое, ки мо ин ҷо нишон додем, ба ҷумлаҳо ҷудо кардани матн, навиштани чавобҳо ба саволҳои додашуда, ҷудо кардан ва истифода кардани калимаву ифодаҳои образнок, тартиб додани ҳикоя аз рӯи аввал ё охири ҳикояи додашуда, диктантҳои озод ва эҷодй, навиштани иншо аз рӯи мавзӯи додашуда ва монанди инҳо низ аз намудҳои гуногуни корҳои инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарй, аз ҷумла ҳангоми таълими феъл, мабошад. Вобаста ба ин ё он дарси конкрет нишон додани машқҳои инкишофи нутқ дар ин мақола ҳаргиз маънои онро надорад, ки истифодаи ин машқҳо фақат дар ҳамин дарс хос бошаду бас. Муаллим аз ин гуна машқҳо дар омӯзиши дигар мавзӯҳои таълимй истифода карда метавонад.

АДАБИЁТҲО

1. Р. Мирзоев. Корҳои мустақилоа ҳангоми таълими “Исм” дар синфи П. Нашриёти “Ирфон” Душанбе. 2005.
2. А. Зоҳидов. Роҳҳои инкишофи нутқи алоқаноки хонандагони синфҳои ибтидой. “Маориф” журнал. Ленинобод. 1998.
3. А. Каримҷонов. Инкишофи нутқи шифоҳй дар синфҳои ибтидой. Журнал. “Мактоби соватй” Ленинобод. 1989.
4. А. Каримҷонов. Бошланғич таълимда кластери тизимини асосий моҳияти. Журнал.Таълимдаги инновация ва кластер тизими. Чирчиқ 2019.
5. А. Каримҷонов. Бошланғич синфда таълим тарбия муаммолари. Журнал. Таълимда инновация ва кластер тизими. Чирчиқ.2019. 2 қисм.
6. А. Каримҷонов. Таълим муассаларида меъёрий ҳужжатлар юритиш. Тошкент. ADAST POLIGRAF босмахона 2020 й.
7. Каримжонов, А. (2020). Кор бо лексика дар синфҳои ибтидоӣ. *Academic Research in Educational Sciences, 1*(1), 275-282.

REFERENCES

1. Р. Мирзоев. Корҳои мустақилоа ҳангоми таълими “Исм” дар синфи П. Нашриёти “Ирфон” Душанбе. 2005.
2. А. Зоҳидов. Роҳҳои инкишофи нутқи алоқаноки хонандагони синфҳои ибтидой. “Маориф” журнал. Ленинобод. 1998.
3. А. Каримҷонов. Инкишофи нутқи шифоҳй дар синфҳои ибтидой. Журнал. “Мактоби соватй” Ленинобод. 1989.
4. А. Каримҷонов. Бошланғич таълимда кластери тизимини асосий моҳияти. Журнал.Таълимдаги инновация ва кластер тизими. Чирчиқ 2019.

5. А. Каримҷонов. Бошланғич синфда таълим тарбия муаммолари. Журнал. Таълимда инновация ва кластер тизими. Чирчиқ.2019. 2 қисм.
6. А. Каримҷонов. Таълим муассаларида меъёрий ҳужжатлар юритиш. Тошкент. ADAST POLIGRAF босмахона 2020 й.
7. Каримжонов, А. (2020). Кор бо лексика дар синфҳои ибтидоӣ. *Academic Research in Educational Sciences, 1*(1), 275-282.